# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар мавзӯи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX- XIII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа**

Дар қисмати муқаддимавии автореферат мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, иртиботи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии кор, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя бароварда мешаванд, дарҷ карда шуда, дар бораи саҳми шахсии унвонҷӯ ва аҳамияти амалии таҳқиқот, апробатсия ва сохтори кори диссертатсионӣ маълумот дода шудааст. Дар қисмати асосии автореферат мазмуни кори диссертатсионӣ ба таври мухтасар инъикос карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот таҳлили ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик ва афкори маорифпарваронаи мутафаккирони форсу тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба ҳисоб меравад.

Муаллифи диссертатсия дар асоси таҳлилу муқоисаи ахбори сарчашмаҳои хаттӣ ва маводи адабиёти илмӣ ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷикро дар асрҳои IX-XIII аз нуқтаи назари фалсафаи маориф мавриди омӯзиш қарор дода, ба таври муфассал низоми таълиму тарбиявиро дар доираи тамаддуни ориёӣ ва фарҳанги исломӣ таҳлил карда, сарчашмаҳои ташаккули фалсафаи маорифи тоҷикро дар ин асрҳо нишон додаст. Инчунин, таъсири афкори таълимӣ-тарбиявии мутафаккирони тоҷики ин давраро ба инкишофи афкори мутафаккирони минбаъдаи ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ намудааст ва аҳамияти онҳоро дар раванди тарбияи насли наврас дар шароити муосир муайян кардааст.

Хулосаву натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва тавсияҳои амалии аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда барои ҳалли масъалаи маориф ва тарбия дар давраи муосир мусоидат хоҳанд кард. Муаллифи рисолаи илмӣ татбиқи амалии таҷрибаи маорифи халқи тоҷик дар асрҳои IX-XIII дар чаҳорчӯбаи таҳлили масоили таҷдид ва ислоҳоти низоми маорифи миллиро мусбат арзёбӣ кардааст. Дар воқеъ, истифодаи ақидаҳои гуманистии мутафакирони тоҷик дар бобати таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимӣ дар шароити муосир, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тарбия мусоидат менамоянд. Омӯзиш ва баррасии заминаҳои асосии ташаккул ва пешрафти фалсафаи маориф дар асрҳои IX-XIII бо тадриҷ ҷараёни инкишофи худшиносии миллӣ ва тарбияи шахсиятро аз мавқеи ахлоқӣ суръат мебахшад. Инчунин,

хулосаҳо ва тавсияҳои тадқиқотро метавон дар ҷараёни таълим ва тарбияи насли муосир, аз ҷумла омӯзонидани ҷавонон бо мақсади шомил нагардидан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ истифода намуд. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асосҳои назариявии омӯзиш ва баррасии минбаъдаи масъалаҳои фалсафаи маорифро ғанӣ мегардонанд. Ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳои диссертатсияро дар коркарди курсҳои махсуси таълимии фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи маориф, педагогика, назария ва таърихи фарҳанг, сотсиология, психологияи иҷтимоӣ ҳамчун мавод истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаи ташхиси автореферати диссертатсияи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар мавзӯи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX- XIII» собит намуданд, ки сатҳу сифати ин кори диссертатсионӣ ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, аз ин рӯ, онро барои ҳимоя пешбарӣ кардан мумкин аст. Муаллифи кори диссертатсионӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 мебошад.

**Сардори шуъбаи пажӯҳиши**
**анъанаву маросим ва диншиносии**
**муқоисавии Маркази исломшиносӣ**
**дар назди Президенти ҶТ н.и.ф., Шоев З.**

**“Имзоро тасдиқ мекунам”**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Анҷуманова Г.**